# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ дар бораи фаъолияти тахассуснокӣ ва илмии унвонҷӯй Сафарзода Гулбегим Гурез, ки диссертатсияаашро дар мавзӯи: «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод кардааст**

Сафарзода Гулбегим Гурез факултети иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 2012 бо ихтисоси “иқтисодчӣ - менеҷер” хатм намудааст. Соли 2016 ба шуъбаи ғоибонаи аспирантураи факултети “Иқтисод ва идоракунӣ”-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, соли 2020 онро хатм кардааст. Фаъолияти меҳнатиашро соли 2012 аз Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи “Тоҷикисодиротбонк” оғоз намуда, то соли 2017 ба ҳайси коромӯз, сипас иқтисодчии дараҷаи 2-и шуъбаи амалиётҳои депозитии Фронт –офиси Сарбонк идома додааст. Солҳои 2018 - 2019 ба ҳайси ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии “Назарияи иқтисодӣ”-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намудааст.

Аз августи соли 2019 фаъолияти кориашро ба ҳайси муҳосиби дараҷаи 1-и Идораи танзим ва назорати марказҳои хизматрасонии бонкии Раёсати Корхонаи воҳиди давлатии “Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” оғоз намуда, айни ҳол ба ҳайси иқтисодчии дараҷаи 1-и Идораи амонатҳо, пардохтҳо ва коғазҳои қиматноки Раёсати Амонатбонк фаъолият менамояд.

Ба сифати унвонҷӯй ҳамаи имтиҳонҳои номзадиашро супоридааст, 7 корҳои илмиро тайёр карда нашр кардааст, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои маҷаллаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода, инчунин таҳқиқоти диссертатсиониашро тайёр кардааст. Унвонҷӯй худро ҳамчун таҳқиқотчии тахассуснок, бо тайёрии баланди назариявии доштааш дар соҳаи иқтисодиёти саноат ва донистани методҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ, методология ва методикаи гузаронидани таҳқиқоти кори илмиро нишон дод.

Хизмати муаллифро ҳамчун таҳқиқотчӣ дар интихоби дурусти мавзӯи муҳими таҳқиқотии илмӣ эътироф кардан мумкин аст. Дар навбати худ хуб донистани проблемаҳои таҳқиқот ба муаллиф имконият дод, ки дар ҷараёни кори таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳолати фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро таҳлил намуда роҳҳои баландбардории фоидаи корхонаҳои соҳаро дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе асоснок намояд.

Сафарзода Гулбегим Гурез бисёр маводҳо ва маълумотҳои омориро оиди мавзӯи таҳқиқотиаш ҷамъ оварда кор кардааст. Дар натиҷа муаллиф таҳқиқоти илмии муҳим ва саривақтиро иҷро карда кори диссертатсиониро барои дарёфти дараҷаи илмӣ пешниҳод намуд. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқои илмӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои иқтисодии мураккаб мустақилият ва боварии комил доштанро нишон дод. Ин ба муаллиф имкон дод, ки бо хислатҳои баланди меҳнатдӯстӣ ва эҷодкории доштааш натиҷаҳои илмии шахсиро соҳиб шавад, ки навигариҳои илмӣ доранд.

Дар рафти таҳқиқоти кори диссертатсияи илмӣ Сафарзода Гулбегим Гурез ба нишондодҳои роҳбари илмӣ ва гуфтаҳои дигар мутахассисон муносибати бодиққат карда мувофиқан натиҷаҳои баланди илмиро соҳиб гаштааст. Вай кушиш кард, ки моҳияти масъалаҳои мавзӯи таҳқиқотиро пурмаъно кушояд ва аз натиҷаҳои гирифта чандин маротиба дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва форумҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад кардааст.

Сафарзода Гулбегим Гурез ба сифати мутахассис дар коркард ва тайёркардани барномаҳо ва дигар дастуру воситаҳои таълимӣ дар кафедра, факултет ва Донишгоҳи давлвтии омӯзгории Тоҷикистон ба номи устод Садриддин Айнӣ фаъолона иштирок кардааст. Барои иштироки фаъолонаи меҳнатӣ ва дар корҳои ҷамъиятӣ вай аз тарафи роҳбарияти Донишгоҳи давлвтии омӯзгории Тоҷикистон ба номи устод Садриддин Айнӣ ва Раёсати Корхонаи воҳиди давлатии “Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” қадршиносӣ карда шудааст ва сазовори ифтихорнома гардидааст.

Дар навиштани кори диссертатсионӣ муаллиф фаъолияти мустақилона ва муносибати эҷодкорона нишон дода тавонист. Кори диссертатсионии навишта тайёр кардаи Сафарзода Гулбегим Гурез дорои навигариҳои илмӣ мебошад.

Бо назардошти навиштаҳои боло ҳисоб кардан мумкин аст, ки Сафарзода Гулбегим Гурез мақсад ва вазифаҳои дар навиштани кори диссертатсионӣ дар наздаш гузоштаро бомуваффақият ҳал кардааст. Кори диссертатсионии вай мантиқан кори илмӣ-таҳқиқотии мустақилона ба анҷом расонида мебошад, ки муносибатҳои нави иқтисодиро оиди асоснок кардани роҳҳои баландбардории фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе муайян кардааст.

Сохтор, мазмун ва сифати кори диссертатсионӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ пурра ҷавобгӯй аст ва унвонҷӯй Сафарзода Гулбегим Гурез сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, профессори кафедраи**
**маркетинги соҳавӣ ва**
**байналмилалии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

**Адрес: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев, 63/3, ДТТ.**
**Тел.: 234-09-07, E-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфиро тасдиқ мекунам**
**Мудири ШК ва КМ ДТТ** **Бухориев Н.А.**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ